**Ба ҳафтаномаи «ФАРАЖ»**

**Худкардаро даво нест**

Ҷавоб ба изҳороти кормандони собиқи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёт, ки бо номи «Вазир бохабар ва манфиатдор буд…» дар ҳафтаномаи «Фараж», №24 (654) аз 12 июни соли 2019 ба чоп расидааст.

Вазорати нақлиёти ҶТ изҳороти бачопрасидаро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ҷавоб омода кардааст ва аз Шумо хоҳиш мекунад, ки тавассути ҳафтаномаатон онро ба шикояткунандагон низ расонед.

1. Собиқ кормандони ХДНТ дар соҳаи нақлиёт ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муроҷиат карда навиштаанд, ки ***«Вазорати нақлиёти ҶТ эродҳои дар санаи 16. 05. 2019 гирифтаи Шуморо … нисбати камбудиҳои соҳаи нақлиёт ҷой дошта сӯистифода намуда, санаи 16. 05. 2019 бе таъин ва гузарондани санҷиши хизматӣ ва муайян кардани гуноҳамон, мо 14 нафар мутахассисонро бо хоҳиши худ аз кор рондааст…»***

Шумо, муаллифони муроҷиатнома, ба Ҷаноби Олӣ муроҷиат карда, ба эродҳои гирифтаи ӯ шубҳа доред, ки асос надоранду барои тасдиқашон **«гузарондани санҷишу, таъин намудани гуноҳ»** лозим будааст. Вале агар чуқур андеша кунед, ҳар сухани Сардори давлат дастуру асос асту Ҷаноби Олӣ бе асосу таҳлил дар ҷаласа сухан намекунанд. Мо аз дастури Роҳбари давлат чизи дигарро болотар намедонем. Агар супориши Ҷаноби Олӣ, аз кор озод кардани сардори ХДНТ дар соҳаи нақлиёт, чораандешӣ ҷиҳатиислоҳи камбудиҳо барои шумо «беасос» ва «суистифода» бошад, метавонед ба мақомоти ҳуқуқӣ муроҷиат кунед.

Баъдан аз 14 нафар муроҷиаткунандагон танҳо 4 нафарашон бо моддаи 42 ва дигарон бо хоҳиши худ аз кор озод шуданд.

2.Муаллифони изҳорот баён доштаанд, **ки гӯё дар ҷаласаи ҳайати Мушовараи ғайринавбатӣ вазири нақлиёт Худоёрзода Худоёр ва сардори нави ХДНТ дар**

**соҳаи нақлиёт Ганҷалзода Шералӣ Раҳмон зикр кардаанд, ки «мо 2 рӯз дар қабулгоҳи Ҷаноби Олӣ қарор доштем ва тибқи дастури Ҷаноби Олӣ шумо аз вазифа озод шудед».**

Дар ҷаласаи ҳайати Мушовараи ғайринавбатӣ, ки масъалаи гузариши мошинҳои гаронвазн мавриди муҳокима қарор дошт, вазири нақлиёт гуфта буд, ки «Ман ва Ганҷалзода Шералӣ Раҳмон дар ҳузури Ҷаноби Олӣ қарор доштем. Ҷаноби Олӣ пайваста таъкид доштанд, ки масъалаи гузаштани мошинҳои гаронвазнро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳед ва ба вайронкунии роҳҳо тавассути ин мошинҳо хотима диҳед». Вазир мутасаддиёни соҳаро вазифадор кард, ки ҳамаи гунаҳкорон ҷазо дода шаванд. Агар лозим шавад, сабти ҷаласаи ҳайати мушовараро дар даст дорем.

**3.Шикояткунандагон қайд кардаанд, ки «дар камбудие, ки дар ВМКБ, аниқтараш роҳи автомобилгарди Қулма – Душанбе, вобаста ба нақлиёти гаронвазн ҷой дошт, ягон алоқамандие надорем. Мо дар дастгоҳи марказии хадамот фаъолият дорему дар кори санҷиш ягон маротиба ҷалб нашудаем…»**

Аз имзоҳҳои дар мурожиатнома ҷамъшуда маълум гашт, ки аз ин 14 нафарашон танҳо 3 корманд аз дастгоҳи марказӣ буда, дигарон сардорон ва кормандони раёсатҳои бахшҳои Хадамот ва КВД «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» дар минтақаҳо мебошанд. 4 нафар ширкати худро дар иншои ин мактуб ва имзо зери он рад кардаанд. Ногуфта намонад, ки аз номи дигарон бидуни ризояту хоҳиши онҳо навиштану имзо гузоштан ба ариза ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар пай дорад.

Ҳамчунин муаллифон собиқ коргарони ХДНТ дар соҳаи нақлиёт Мирзозода Шухрат Абдулҳаким - сардори Раёсати минтақавии Хадамот дар минтақаи Кӯлоб, Навҷувонов Дилбар Шанбиевич - мутахассиси бахши гузаргоҳи сарҳадии “Кулма”- и Раёсати назорат ва танзими ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии Хадамот, Насимов Муяссар Мамадмусоевич- мудири бахши ноҳияи Мурғоби Раёсати Хадамот дар ВМКБ, Абдураҳмонов Хуррам Мираҳмадович - сардори шуъбаи нозиротӣ ва иҷозатномадиҳии

Раёсати Хадамот дар ВМКБ, Шамсуддинов Абдулло Рауфович - муовини якуми КВД “МСКХСН”, Абдураҳмонов Муяссар Озодамирович - роҳбари филиали КВД “МСКХСН” дар ВМКБ, Шоҷонов Анваршо Валиевич - муовини роҳбари филиали КВД “МСКХСН” дар ВМКБ, Шарипов Раҳим Латифович – роҳбари филиали КВД “МСКХСН” дар минтақаи Кӯлоб ва Одинаев Султонмурод Ҳасанович – сардори Раёсати Хадамот дар минтақаи Рашт вазифаҳои ишғолнамудаву уҳдадориҳои худро сарфи назар намудаанд. Бо ишғоли чунин вазифаҳо дар минтақаҳои ВМКБ, Кӯлоб ва Рашт, ки нақлиёти автомобилии гаронвазн маҳз бо масири Кулма – Мурғоб – Хоруғ - Кӯлоб - Ваҳдат - Душанбе ҳаракат менамоянд, онҳо неву пас кӣ бояд масъулу ҷавобгар бошад?!

**4.Мо мефаҳмем, ки барои ҳифзи ҳуқуқи меҳнатиамон ба Суд бояд муроҷиат кунем ... аммо хавф дорем, ки Вазорати нақлиёт бо истифода аз номи Шумо аз эродҳои гирифтаатон ба мустақилияти Судҳо зарба мезанад...” – навиштаанд муаллифон.**

Қабл аз муроҷиат кардан ва ҳаллу фасли қазияи худ ба мустақилияти судҳо шубҳа мекунед, ки Вазорати нақлиёт ба онҳо фишор ё таъсире мерасонидааст! Аввал ба судҳо муроҷиат карда, натиҷаи қазияро мунтазир шавед, пас аз вазорат гумони бад кунед.

**5.Шикояткунандагон эрод гирифтаанд, ки Худоёрзода онҳоро беасос аз кор озод карда кормандони Раёсати ХДНТ дар ВМКБ–ро, ки хешу табораш ҳастанд баҷояшон ба кор бигирад.**

Муаллифон ҳатто бар хилофи навиштаи худ баромадаанд, аввал ин-ки пеш аз ҳама кормандони Раёсати Хадамот дар ВМКБ аз вазифа озод шуданд. Дуюм. дар миёни зеримзокунандагони муроҷиатнома 5 нафарашон аз ниҳодҳои Хадамот дар ВМКБ мебошанд. Ҳамчунин ба иттилои Шумо мерасонем, ки дар миёни ин нафар шахсони ғайри ихтисос ва тасодуфӣ барои соҳа низ кору фаъолият мекарданд.(Маълумотнома оид ба фаъолияти корӣ пешниҳод карда мешавад.) Баъдан ба қавле “**ҳар кас ба даричаи воқеи аз нигоҳи зеҳнӣ ва ахлоқии худ назар мекунад ”.** Навиштани ин суханон, яъне ба

хешутаборчигӣ гунаҳкор кардани Худоёрзода низ ба шаъни хизматчии давлатӣ сазовор нест...

**6.Мурочиаткунандагон дар гузариши мошинҳои гарнвазн вазири нақлиётро гунаҳкор ҳисобида, навиштаанд, ки ӯ бохабар ва манфиатдор буд...**

Бале, вазир бохабар аз он буд, ки аз роҳҳои автомобилгарди бо машаққату сарфиёти зиёд бунёду ободгашта мошинҳои гаронвазн ҳар бор гузашта онҳоро харобу валангор месозанд. Аммо ӯ на тавассути ҳисоботи бардурӯғи шумо, ки ҳар дафъа онро сифр нишон медодед, огоҳ мешуд, ӯ чанд бор чунин нақлиётро худаш дар роҳҳо дучор гардидаву ба ниҳодҳо барои чорачӯи супориш дода буд.

Аз рӯзе, ки Худоёрзода вазири нақлиёт таъин гардидааст, дар 9 ҷаласаи Ҳайати Мушовара, ҳар рӯзи душанбе дар ҷаласаи назоратӣ ва дар 9 ҷаласаи ҷамъбастии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт оид ба масъалаи гузариши мошинҳои гаронвазн ба масъулин супоришҳо дода, ислоҳи ҳарчи зудтари камбудиҳоро талаб мекард. Чандин коргарони Хадамот ҷазо ҳам гирифтанд. Ҳамаи ин дар қарорҳои ҳайати Мушовара ва протоколҳои ҷаласаҳои назоратӣ дарҷ гардидааст. Гузориш аз ҷаласаҳо дар шумораҳои ҳафтаномаи “Нақлиёт” ва сомонаи Вазорати нақлиёт чоп ва дарҷ гардидаанд. (Агар лозим шавад, қарорҳоро ҳам замима мекунем.) Аммо, мутаассифона, маҳз шумо мутасаддиён, гӯё супоришҳоро иҷро карда нишондиҳандаҳоро бардурӯғ пешниҳод мекунед, ки гузариши чунин мошинҳоро 0 нишон медодед. Магар ин гуноҳи вазир аст? Ба ғайр аз ин вазир чанд мошини гаронвазн дорад, ки аз гузари онҳо манфиатдор бошад? Агар далел ва асос нест, пас туҳмат асту ҷавобгарӣ ба пай дорад!

**7Муаллиф ё муаллифон дар 7 сархат бори ҳафтум гила карданд, ки беасос онҳоро аз кор рондаанд, вале оқибат навиштаанд, ки мо эродҳои Шуморо Ҷаноби Олӣ қабул дорем ва тарафдори беҳтар шудани сифати кори соҳа ва бартараф шудани омилҳои коррупсионӣ ҳастем.**

Пас чаро то кунун тарафдори беҳбудии кор ва муқобили коррупсия набудед? Баъзе “корҳои анҷомдодаатонро” ба ёд биёред. Ин пешниҳодатон мақоли **“мушти пас аз ҷангро бар сари худ мебояд зад”**- ро ба ёд меорад.

8.Мурочиаткунандагон навиштаанд, ки вазир хешу табор ва шахсони ба худ наздикро боз ба вазифаҳои «равғанин» таъйин намуданд. Ва ному насаби кормандони зодаи Бадахшонро қатор кардаанд, ки дар асл теъдоде аз онон 20-25 сол боз дар ин соҳа мутахассис буда, кор мекунанд. Ва ҳатто номе мутахассисе ҳам оварда шудааст, ки аслан дар ин соҳа кор намекунад. **(ҳангоми зарурат маълумотнома оид ба ҳаёту фаъолияти ин нафарон пешниҳод мегардад).**

9.Баҳси дигари муаллифони изҳорот ин аст, ки чаро вазири нақлиёт собиқ муовини худ Шералӣ Ганҷалзодаро, ки сарпарасти соҳа аст муҷозот нанамуд?

Шералӣ Ганҷалзода ҳангоми вазири нақлиёт будан ҳам ва ҳам вақти муовини вазир кор кардан бо ин масъала ҷиддӣ мубориза мебурд. Ӯро ба ин вазифа Сардори давлат худашон таъин карданд ва Роҳбари давлат шахсони тасодуфиро ба ҳар вазифаи масъулятнок таъин намекунад. Агар ӯ гуноҳе медошт, Ҷаноби Олӣ ӯро ҳам муҷозот мекард. Аз ин бармеояд, ки Шумо бо таъиноти Сардори давлат муқобил ҳастеду боз барои ҳифзи манфиати худ аз Ӯ ҳам кумак мехоҳед, яъне ҳам дар наъл мезанеду ҳам дар мех.

**10.Мо дар навбати худ ваъда медиҳем, ки сифати кори худро беҳтар намуда, барои давлат хизмати шоён меукнем»,** - гуфтаанд шикояткунандагон.

Суол ин аст, ки барои чӣ муддати сари вазифа буданатон барои кори хушсифату шоистаи давлат кӯшиш намекардед?

11.Ва дар охир ҳанӯз ягон ниҳоди ҳуқуқӣ масъалаи мазкурро тафтишу барраси накарда ҳафтаномаи Фараж аз пеши худ қозӣ шудааст, ки хонандагонро бо «**ҳуқуқҳои поймолгаштаи онҳо … ва мушкилоти дар Вазорати нақлиёт ҷойдошта ошно хоҳад кард**».

Поймол шудан ё нашудани ҳуқуқро суд муайян мекунад на Вазорати нақлиёт ва на ҳафтаномаи Фараж.

Кормандони Вазорати нақлиёти

Ҷумҳурии Тоҷикистон